**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси`13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))**

Омӯзиши фанҳои дақиқ, махсусан математика, барои инкишоф додани қобилияти фикрронии инсон заминаи боэътимод мегузорад. Аз худ намудан ва дар ҳаёти ҳамарӯза истифода бурдани малакаю маҳорати математикӣ барои омӯзандагони фанҳои дақиқ маҳорат ва истеъдоди баландро талаб менамояд. Математика ҳамчун илми дорои таърихи қадимӣ дар асоси фаъолияти меҳнатии одамон ба вуҷуд омада, имрӯз рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Накши муаллими математика дар инкишофи ҷамъият ва омӯзиши табиат басо муҳим буда, дар ҳама соҳаҳои омӯзишу парвариш накши пешбарандаро дорад.

Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми таълим дар зинаи муосири мактаби миёнаи умумӣ мебошад. Дарсҳои фанҳои табиӣ ва риёзӣ, аз қабили физика, биология, химия ва математика, на танҳо барои омӯзиши донишҳои илмӣ хидмат мекунанд, балки муҳити мусоид барои рушди тафаккури мантиқӣ ва эҷодии хонандагон фароҳам меоранд.

Мавзуъҳои ин фанҳо аксаран масоили мушкил ва ғайримаъмулро дарбар мегиранд, ки ҳаллу фасли онҳо аз хонанда талаб мекунад, ки аз доираи фаҳмиши омма берун равад, андешаҳои нав пешниҳод намояд ва роҳҳои ғайристандартии ҳалро ҷустуҷӯ кунад. Ин раванд қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва тарҳи андешаҳои навро ташаккул медиҳад. Ин ҳама гуфтаҳои болой мубрамияти мавзуи таҳқиқотии Давлатов Д.А. – ро асоснок менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» бо талаботи замони

муосир ва раванди рақамикунонии таълимӣ ҳамбастагии зич дорад. Дар шароити тағйироти калон ва воридшавии технологияҳои нав ба муҳити таҳсилоти касбӣ, масъалаи ташаккул ва рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён тавассути ТИК (технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ) аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Дар қисми муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқоти автореферати диссертатсия тамоми талабот ва меъёрҳои таълифи рисолаи илмӣ риоя карда шудааст. Муаллиф Давлатов Д.А. бо зикри мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии муаммо, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзуъ ва ҳадаф, масъалаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот собит кардааст, ки ҳангоми таҳқиқ ба адабиёти истифодашуда ва сарчашмаҳои муҳим сару кор гирифта, истифодаи методҳои анъанавӣ ва муосири илмиро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Муаллиф дар диссертатсия ҳадафи мушаххас - ба таври назариявию дидактикӣ асоснок намудани амсилаи (модели) дидактикии ташаккули эҷодкории донишҷӯёнро дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ тавассути ТИК гузоштааст. Вазифаҳои таҳқиқот дуруст ва амиқ тарҳрезӣ шуда, ба ҳадафи асосӣ хизмат менамоянд.

Таҳлили мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки кор дорои сохтори мантиқӣ, пайдарпай ва илмӣ мебошад.

Чун аз автореферат бармеояд, диссертатсия аз 2 боб иборат буда, оид ба ин бобҳо маълумоти муфассал ва тамоми ҷанбаҳои ин масъаларо дарбаргиранда оварда шудааст.

Муаллиф муҳтавои назариявиро бо таҳлили таҷрибавӣ пайваст намуда, амсилаи педагогии татбиқи технологияҳоро дар раванди таълим асоснок намудааст.

Муаллифи диссертатсия нишон додани роҳу воситаҳои рушди эҷодкории донишҷӯёнро тавассути истифодаи методҳои инноватсионӣ

ва муҳити рақамии таълим бо далелҳои илмӣ асоснок намудааст. Муаллиф натиҷаҳои аниқ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст, ки барои таҳсилоти касбӣ ва омӯзиши фанҳои дақиқ аҳамияти амалӣ доранд.

Ба андешаи муаллиф истифодаи усулҳои фаъол, монанди омӯзиши проблемавӣ, омӯзиши лоиҳавӣ, таҷрибаҳои амалӣ ва истифодаи технологияҳои муосир метавонанд раванди инкишофи қобилияти эҷодиро боз ҳам муассиртар гардонанд. Масалан, гузаронидани озмоишҳои илмӣ ё таҳлили масъалаҳои ҳаётӣ бо истифода аз риёзиёт метавонад шавқи эҷодии хонандаро бедор намуда, дар онҳо ҳисси ихтироъкорӣ ва навовариро инкишоф диҳад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар нуқтаҳои зерин зоҳир мегардад:

– таҳия ва татбиқи амсилаи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК;

– шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои асосии ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК санҷида шуданд;

– тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК таҳия ва нашр карда шуданд;

– барои арзёбии сатҳи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК саволномаҳо ва тестҳо тартиб дода, аз санҷиш гузаронида шуданд.

*Эрод ба тахкикоти диссертатсионӣ.* Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, автореферати диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нестанд, масалан дар автореферат дар қисмати озмоиши ташаккулдиҳанда ин раванд пурра шарҳ дода нашудааст.

Камбудии зикршуда арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути

технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дарачаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) арзанда ҳисобида мешавад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Азимова Назира Самадовна**

21 октябр с. 2025.

Суроға: 735000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 4-5,
кӯчаи Ваҳдати миллӣ, ҳавлии 30.
Телефон: (+992) 92-707-71-07.
E-mail: nazira-tgu@mail.ru

*“Имзои Азимова Н. С.-ро тасдиқ менамоям”*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҳимов Н. И.

Суроға: 735716, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.
Тел: +992 37 234 88 02;
E-mail: bitesk_ips@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))**

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз руйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) таҳия шудааст.

Диссертатсияи Давлатов Д.А. ба яке аз масъалаҳои муҳимми педагогии замони муосир, яъне рушди эҷодкории донишҷӯён дар раванди таълим тавассути технологияҳои иттилоотӣ бахшида шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи татбиқи ислоҳоти амиқи низоми маориф қарор дорад, ки ҳадафи асосии он беҳтар намудани сифати тайёрнамудани кадрҳои ба талаботи замони муоср ҷавобгӯ маҳсуб меёбад. Дар ин раванд, талабот ба сатҳи баланди касбият ва омодагии омӯзгорони оянда, махсусан дар соҳаи фанҳои табиию риёзӣ, хеле зиёд гардидааст. Муаллими оянда бояд як шахсияти донишманд, босалоҳият ва ҳамқадами замон бошад. Ӯ на танҳо дониши амиқи фаннӣ бояд дошта бошад, балки қобилияти хуби эҷоди ақидаҳои навро низ касб намояд.

Аз муҳтавои автореферати Давлатов Д.А. бармеояд, ки ин соҳаи мубрам ва ҳалталаб дар тадқиқоти ӯ то як андоза ҳалли худро ёфтааст.

Дар ин таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти мавзуъ бо далелҳои қонеъкунанда ва асоснок нишон дода шудааст ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот равшан муайян гардидаанд. Дар заминаи он муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то ки равиши анъанавиро дар таълими фанҳои табиию риёзӣ таҷдиди назар кунад ва барои омӯзгорон методикаи самарабахшро пешниҳод намояд.

Таҳия ва татбиқи амсилаи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК ба муаллиф имкон додааст, ки як қатор масъалаҳои таҳқиқоторо ҳал намояд, яъне

– шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои асосии ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК санҷида шуданд;

– тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК таҳия ва нашр карда шуданд;

– барои арзёбии сатҳи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК саволномаҳо ва тестҳо тартиб дода, аз санҷиш гузаронида шуданд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот низ назаррас мебошанд, яъне:

– фаҳмиши илмӣ роҷеъ ба мундариҷаи мафҳуми «рушди эҷодкории донишҷӯён» мушаххас карда шуд;

– шароитҳои психологию педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда шуданд;

– накши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии рушдкунанда дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои табиатшиносӣ ошкор карда шуд;

– барномаи рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути васоити технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таҳия шуд;

– самаранокии корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ роҷеъ ба рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда шуд.

Дар кори илмӣ амсилаи дидактикии ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ тавассути ТИК модели мушаххаси ташаккули салоҳиятхо таҳлил ва пешниҳод шудааст. Ин амсила дорои тавсияҳои амалии равшан аст, ки метавонанд дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ татбиқ шаванд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар асоси усулҳои муосири педагогӣ ба таври мантиқӣ ва бо далелҳои муътамад асоснок гардидаанд. Маводи

тачрибавии пешниҳодшуда ва таҳлили дақиқи натичаҳо далели эътимоднокии хулосаҳои муаллиф ба шумор меравадн.

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда асоснокӣ ва эътимоднок мебошанд. Дурустӣ ва эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот бо такя ба асосҳои методологии педагогика, психология; бо таҳлили муаммои таҳқиқшаванда; истифодаи маҷмуи методҳои назариявӣ, эмпирикӣ, озмоишӣ, ки ҳалли ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотро имкон доданд; иштироки шахсии унвонҷу дар кори тачрибавӣ-озмоишӣ таъмин карда шудааст.

Натичаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори мактаби олӣ амалӣ гардидаанд. Ҳамзамон, натичаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 5 адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои такризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25 адад мақола дар маҷмуи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи бандхои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 мутобиқ аст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад буд. Дар автореферат чунин омадааст: “Барои муайян кардани сатҳи рушди эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиатшиносӣ дар марҳилаи аввал ба донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ мисолу масъалаҳо пешниҳод карда шуданд, ки арзёбии дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён аз рӯи ҷадвали панҷбаллӣ тасҳеҳ карда шуд”. Ба андешаи мо, хуб мебуд агар муаллиф ақалан як намунаи чунин мисолу масъалаҳои пешниҳодкардаашро дар автореферат ҷойгир мекард, ҳангоми мутолиаи автореферат тасаввуроти том оид ба таҳқиқоти гузаронидашуда пайдо мешуд.

Камбудии зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад.

Диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи

баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Тақризнавис:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
фанҳои риёзӣ -табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Мухамедова Шаҳло Файзуллоевна**

03 11 соли 2025

*Маълумот барои тамос:*
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, Маҳаллаи 17, хонаи 1,
Телефон: + 992(3422)23811
Почтаи электронӣ: shahlo.78@inbox.ru
Вэб сомона:www.tsulbp.tj

Имзои Мухамедова Ш.Ф. – ро тасдиқ менамоям
Сардори РК ва КМ-и Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон Бобоев А.Ҳ.

ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) омода шудааст.**

**Мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқот:** Мавзуи диссертатсияи мазкур дар заминаи талаботи ҷории рушди сифати таҳсилот ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар равандҳои таълимӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароити рақамигардонии таҳсилот, масъалаи баланд бардоштани сатҳи эҷодкории донишҷӯён тавассути имкониятҳои ТИК (технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ) аз аҳамияти хоса бархӯрдор аст. Муаллиф бо таҳлили амиқи назариявӣ ва асосноккунии методӣ, мавқеи истифодаи ТИК-ро дар рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ равшан намудааст.

**Мундариҷа ва сохтори таҳқиқот:** Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва мундариҷа ба талаботи меъёрии КОА ҷавобгӯ буда, дорои муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо мебошад. Ҳар як боб масъалаҳои муҳимро фаро гирифта, пайдарпай ва мантиқӣ таҳқиқоти муаллифро инъикос мекунад.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ методологияи илмиро дуруст ба кор бурда, аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҷрибавӣ, пурсишнома ва таҳлили оморӣ истифода кардааст. Натиҷаҳои бадастомада бо далелҳо ва графикҳо тасдиқ гардидаанд.

**Мухтасари натиҷаҳои илмӣ:** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар самтҳои зерин муҳокима ва исбот шудаанд:

- муайян намудани имкониятҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар афзудани фаъолнокии зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯён;
- таҳияи модели методии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути ТИК;
- ташаккули муҳити интерактивии таълимӣ бо истифода аз воситаҳои рақамӣ;
- арзёбии таҷрибавии самаранокии модели пешниҳодшуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Аҳамияти амалӣ ва тавсияҳо:** Таҳқиқоти Давлатов Д.А. дорои арзиши амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд дар фаъолияти омӯзгорон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои такмили ихтисос ва коркарди муҳити рақамии омӯзишӣ васеъ истифода шаванд.

Тавсияҳои муаллиф, аз ҷумла роҳҳои таҳияи модулҳои интерактивӣ ва истифодаи платформаҳои таълими фосилавӣ, ба шароити муосири таълим мутобиқат доранд.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.* Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат, дар таҳқиқоти мазкур баъзе камбудиҳои ҷузъӣ мушоҳида мегарданд:

1. Муҳокимаи муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ дар заминаи истифодаи ТИК метавонистанд муфассалтар пешниҳод шаванд.

2. Истифодаи баъзе истилоҳоти тахассусӣ дар матн шарҳи илова талаб менамояд.

Аммо ин камбудиҳо характери куллӣ надоранд ва ба арзиши умумии илмии кори мазкур халал намерасонанд.

Хулоса: Диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи КОА барои рисолаҳои илмии дараҷаи номзадӣ пурра ҷавобгӯ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
н..и.п., мудири кафедраи омӯзгории забонҳои
Шарқи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, дотсент ......... Султонҳайдаров Нуриддин Хонкулиевич

Имзои Султонҳайдаров Нуриддин Хонкулиевич-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Юсупова Б.Г.

Имзо: ________
Сана: «23» 10. 2025

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович таҳти мавзуи **«Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))

Бо назардошти афзалиятҳои стратегӣ дар самти рушди рақамикунонӣ ва инноватсия, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025–2030 ҳамчун марҳилаи муҳими рушди иқтисодиёти рақамӣ пешбинӣ шудааст, таҳқиқоти Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи зикршуда дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти мазкур ба эҳтиёҷоти муосири соҳаи маориф ҷавобгӯ буда, ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва фаъолияти инноватсионии донишҷӯён нигаронида шудааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти худ бо истифода аз равишҳои методологии муосир, амсила ва заминаи назариявии равандҳои ташаккули эҷодкории донишҷӯёнро тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Муаллиф тавонистааст, ки як амсилаи мукаммал ва мантиқии ташаккули эҷодкории донишҷӯёнро пешниҳод намояд, ки аз блокҳои муҳими методологӣ, ҳадафгузорӣ, технологиявӣ, ташкилӣ ва натиҷавӣ иборат мебошад.

Қисми муҳими кори мазкур таҳияи усулҳо ва шаклҳои гуногуни таълими мебошад, ки дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ бо истифода аз ТИК мавриди истифода қарор мегиранд. Ин усулҳо дорои аҳаммияти таълимӣ ва тарбиявӣ буда, ба ташаккули тафаккури илмӣ, болоравии шавқи донишҷӯён ба илм ва рушди малакаҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунанд.

Муаллиф воситаҳои гуногуни ТИК-ро, ки метавонанд барои тақвияти қобилиятҳои эҷодӣ дар таълим истифода шаванд, ба таври муфассал таҳлил намудааст. Аз ҷумла, ба ин воситаҳо чунин намудҳо дохил мешаванд:

воситаҳои омӯзишӣ, тренажёрҳо, замимаҳои иттилоотию ҷустуҷӯӣ, лабораторияҳои рақамӣ, бозиҳои омӯзишӣ ва ғайра.

Мазмуни автореферат собит месозад, ки таҳқиқоти мазкур дар рӯҳияи замонавии илми педагогика ва технологияи таълимӣ анҷом ёфта, ба густариши методикаи таълими информатика, инчунин ба омодасозии мутахассисони рақобатпазир ва эҷодкор нигаронида шудааст.

Амсилаи пешниҳодшуда метавонад ҳамчун замина барои амалигардонии технологияҳои инноватсионӣ дар таълим хизмат кунад.

Дар шароити рушди босуръати илм ва техникаи муосир, ки равандҳои таълимӣ ҳарчи бештар ба рақамикунонӣ ва технологияҳои рақамӣ вобаста мегарданд, масъалаи ташаккули қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён аҳаммияти афзоянда касб менамояд. Имрӯз, таҳсилоти олӣ на танҳо ба интиқоли дониш ва малакаҳои касбӣ равона шудааст, балки ба тарбияи шахсиятҳои инноватор, дорои тафаккури мустақил ва қобилияти эҷодии баланди мутобиқшавӣ ба тағйироти ҷаҳонӣ низ такя мекунад.

Талаботи замони муосир аз муассисаҳои таълимӣ тақозо мекунад, ки мутахассисонеро тарбия намоянд, ки на танҳо дониши фаннӣ дошта бошанд, балки қобилияти ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, фикррони дар сатҳи стратегӣ ва ташаббус нишон доданро низ доро бошанд.

Дар чунин шароит, истифодаи босамар ва мақсадноки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳамчун яке аз василаҳои муҳими таъмини муҳити муосири таълимӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён баромад мекунад. ТИК имкон медиҳанд, ки муҳити таълимӣ табдил ба як фазои интерактивӣ, шахсисозишуда ва инноватсионӣ ёбад, ки дар он донишҷӯён на танҳо донишро фаро мегиранд, балки фаъолона меомӯзанд, таҳлил мекунанд ва эҷод менамоянд.

Дар таҳқиқоти мазкур саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада дар заминаи таҳлили амиқи назариявӣ, таҷрибаҳои амалии таълим ва арзёбии воситаҳои ТИК дар ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ асоснок гардидааст. Натиҷаҳои пешниҳодгардида дорои аҳаммияти амалии баланд буда, метавонанд барои

такмили равандҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ васеъ истифода шаванд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, як ҷанбаи муфид дар таҳқиқоти мазкур метавонад пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон пас аз ҳар бахш бошад, ки ин кор ба густариши хусусияти амалӣ ва татбиқшавандагии тадқиқот мусоидат менамуд.

Бо ин ҳама, набудани чунин тавсияҳо мазмуни илмии кори мазкурро коҳиш намедиҳад ва арзиши таҳқиқотро пойин намекунад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) кори ба анҷомрасидаи илмӣ таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсия ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриздиҳанда:
дотсенти кафедраи математикаи
олӣ ва фанҳои табиатшиносии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич

Имзои Шарипов Нусратулло Зайдуллоевичро
тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

22.10.2025